**5.9. [10.00.00] ФИЛОЛОГИЯ**
**5.9.[10.00.00]ФИЛОЛОГИЯ**
**5.9. [10.00.00]PHILOLOGIY**

5.9.2. [10.01.03] АДАБИЁТИ ХАЛҚҲОИ ҶАҲОН (АДАБИЁТИ ФОРС-ТОҶИК)
5.9.2. [10.01.03] ЛИТЕРАТУРА НАРОДОВ МИРА (ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКАЯ ЛИТЕРАТУРА)
5.9.2. [10.01.03] LITERATURE OF THE PEOPLES OF THE WORLD (PERSIAN- TAJIK LITERATURY)

***ТДУ 83(Т)***
***DOI:10.51844-2077-4990-2023-4-211-215***

***САҲМИ АКАДЕМИК РАҶАБ АМОНОВ ДАР ОМӮЗИШУ ТАДҚИҚИ ФОЛКЛОР ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК***

***Файзуллоев Неъматҷон**, н.и.ф., профессори кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***ВКЛАД АКАДЕМИКА РАДЖАБА АМОНОВА В ИЗУЧЕНИЕ И ИССЛЕДОВАНИЕ ТАДЖИКСКОГО ФОЛЬКЛОРА И ПИСЬМЕННОЙ ЛИТЕРАТУРЫ***

***Файзуллоев Неъматджон,** д.ф.н., профессор кафедры современной таджикской литературы ГОУ "ХГУ имени акад. Б.Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

***CONTRIBUTION OF ACADEMICIAN RAJAB AMONOV TO THE STUDY AND RESEARCH OF TAJIK FOLKLORE AND WRITTEN***

***Fayzulloev Ne'matjon**, Dr. of Philology, Professor of modern Tajik literature under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov (Tajikistan, Khujand),*
***E-mail:** uchzaphgu@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ**: Раҷаб Амонов, адабиётшинос, фолклоршинос, эҷодиёти лафзии халқ, фолклори тоҷик, очерки илмию бадеӣ*

*Мақола ба омӯзиш ва тадқиқи фаъолияти густардаи илмию адабии донишманди маъруфи тоҷик, доктори илмҳои филологӣ, академики АИ Тоҷикистон, профессор Раҷаб Амонов бахшида шудааст. Дар он дар заминаи таҳлили маводи фаровон саҳми ин олими сермаҳсул дар ҷамъоварӣ, нашр ва пажӯҳиши эҷодиёти лафзии халқ мавриди арзёбӣ қарор гирифта, нақши мунири ӯ дар ташаккул ва рушди илми фолклоршиносии тоҷик собит гардидааст. Ҳамзамон ба фаъолияти адабиётшиносии эшон эътибор зоҳир гардида, як идда рисола ва маҷмӯаҳои мақолаҳои ба адабиёти хаттӣ ва хоса, ба таърихи адабиёти бачагон бахшидааш, аз нигоҳи илмӣ баррасӣ гардида, саҳми муаллиф дар ин ҷода муайян шудааст. Дар анҷом оид ба осори бадеии нависанда, ки аз повесту қиссаҳо, очерку ҳикояҳо ва дигар жанрҳои адабӣ фароҳам омадааст, маълумот дода шудааст.*

***Ключевые слова:** Раджаб Амонов, литературовед, фольклорист, словесное творчество народа, таджикский фольклор, научно-художественный очерк*

*Статья посвящена изучению и исследованию обширной научной и литературной деятельности известного таджикского учёного, доктора филологических наук, академика АН Таджикистана, профессора Раджаба Амонова. В ней на основе анализа богатого материала оценен вклад этого многопрофильного ученого в сбор, публикацию и исследование устного народного творчества, представлена его неоценимая роль в становлении и развитии науки таджикской фольклористики. При этом уделялось внимание его литературной деятельности, обсуждался с научной точки зрения ряд монографий и сборников статей, посвященных письменной литературе, особенно истории детской таджикской литературы, а также упоминается о его вкладе в эту область науки. Вместе с тем даются сведения о художественном творчестве писателя, которое составляют рассказы, очерки и другие литературные жанры.*

***Key words:** Rajab Amonov, literary critic, folklorist, verbal creativity of the people, Tajik folklore, scientific and artistic essay*

*The article is devoted to the study and research of the extensive scientific and literary activity of the famous Tajik scientist, Doctor of Philology, academician of the Academy of Sciences of Tajikistan, professor Rajab Amonov. Based on the analysis of rich material, it evaluates the contribution of this multidisciplinary scientist to the collection, publication and research of oral folk art, and proves his invaluable role in the formation and development of the science of Tajik folklore. At the same time,*

*attention was paid to his literary activity, a number of monographs and collections of articles devoted to written literature, especially the history of children's Tajik literature, were discussed from a scientific point of view, and his contribution to this field of science was determined. At the same time, information is given about the writer's artistic work, which consists of short stories, essays, short stories and other literary genres.*

Дар олам кам халқе пайдо мешавад, ки ба мисли халқи тоҷик дар баробари ёдгориҳои оламшумули хаттӣ, ки як марҳалаи комил ва бонуфузи тамаддуни ҷаҳонӣ шинохта шудааст, осори бузурги шифоҳие офарида бошад, ки асолат ва назокату шеърияти он дар пояи адабиёти классикист. Ин осори беназир, ки аз ҳикмату хирад ва дили шеърпарвари халқ паём мерасонад, бар асари инқилобҳои бунёдсӯзи айём қариб буд, ки аз ёди наслҳои нав фаромӯш шавад ва ҳофизаи таърихии халқ яке аз дороиҳои оличаноби хешро аз даст диҳад. Аммо халқе, ки ин осори нодирро офаридааст, фарзандони барӯманде низ ба дунё овард, ки назару ҳимматашон дар пояи бузургии ин осор будааст. Дар қарни бист аз устод Айнӣ сар карда, то Деҳотию Турсунзода бо камоли дилсӯзӣ ва рағбати тамом дурдонаҳои эҷодиёти халқро зарра-зарра ҷамъ овардаанд ва дигаронро низ ба ин иқдоми нек ва амри хайр ҳамвора ҳидоят намудаанд.

Аз ҷумлаи олимони соҳибноми тоҷик академики АМИ Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва Ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон, профессор Раҷаб Амонов дар радифи аввалинҳо ба ин даъвати суханварони бузург ҳамовоз гардид, дар ин ҷода устуворона қадам зад ва тамоми умри бобаракати хешро сарфи сабту нашр ва омӯзишу тадқиқи осори гаронмояи мардум кард. Адабиётшиноси номвари тоҷик, профессор Абдунабӣ Сатторзода ба ин маънӣ гуфтааст: “Шодравон академик Раҷаб Амоновро, тавре ки дар мардум мегӯянд, Худо маҳз барои гирдоварӣ, нашр, таҳқиқ ва тарғиби фолклор офаридааст. Ӯ дар хона, дар кӯча, дар ҷои кор ҳамеша дар ёди рубоиёту дубайтиву афсонаҳои халқӣ буд. Бо ҳамсуҳбатҳои хаёлию воқеии худ дар ин бора баҳсҳо мекард ва ба онҳо аз назокату нафосати фолклор ва асрори зебоиҳо ва рамзу маъниҳои амиқ, вале ба чашми зоҳир ноаёни он бо шавқу завқи фавқуллода сухан мегуфт. Ман то ҳол вақте ки рубоиву дубайтиҳои мардумиро мехонам ва ё мешунавам, бидуни ихтиёр дар гӯшам садои нотакрор ва лаҳни хоси қироати ӯ танинандоз мегардад”[8, с.539].

Воқеан, агар гӯем, ки кулли дастовардҳои илми фолклоршиносии нимаи дуюми садаи бист бо ном ва фаъолияти ин абармарди майдони илм тавъам алоқаманд аст, хато нахоҳем кард. Зеро маҳз ба туфайли ранҷу талошҳои пайвастаи эшон соли 1958 дар таркиби Пажӯҳишгоҳи забону адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи улуми кишвар шуъбаи махсус оид ба фаҳлавиёт таъсис ёфт ва дар иртибот ба фаъолияти он раванди ҷамъоварӣ ва таснифоти эҷодиёти лафзии халқ вусъати бесобиқа пайдо кард.

Устод Раҷаб Амонов чун саррофи гавҳаршинос дар саргаҳи ин раванди бағоят муҳим қарор гирифт ва тавассути ковишҳои густурдаву доманадори хеш на танҳо дар тасниф ва нашри осори шифоҳӣ нақши рӯшан гузошт, балки чун сарвари соҳиблаёқат дар ташкили илмии кори ин шӯъба, танзими фаъолияти ходимони он, таҳкими асосҳои назарӣ ва амалии илми фолклоршиносии тоҷик, хуллас, дар ташаккул ва рушду нумӯи он хидмати шоистае ба ҷо овард. Силсилаи китобҳои эшон оид ба офаридаҳои бадеии мардумони мавзеъҳои мухталифи ҷумҳурӣ, аз қабили “Афсонаҳои халқи тоҷик”(1957, 1963, 1975, 1980), “Эҷодиёти даҳонакии аҳолии Кӯлоб”(1956, 1963), “Намунаи фолклори диёри Рӯдакӣ”(1958, 1963), “Фолклори сокинони саргаҳи Зарафшон”(1960), “Дастурамал оид ба ҷамъ кардани эҷодиёти даҳанакии халқ”(1960), “Баёзи фолклори тоҷик. Ҷилди 1”(1985), “Рубоиёти халқии тоҷик”(ба алифбои арабӣ, 1986), ки қисме дар ҳаммуаллифӣ таҳия ва таълиф шуда, аз олами басо ғановатманди адабиёти шифоҳӣ дарак медиҳанд, барои кулли алоқамандон ва муҳаққиқони ин адабиёт манбаи муҳим ва дастури муфид гардиданд ва ба ҷараёни омӯзишу ҷамъоварии осори лафзии халқ суръат бахшидаанд. Ин аст, ки бо ибтикор ва таҳти роҳнамоии профессор Раҷаб Амонов дар 35 ҷилд “Куллиёти фолклори тоҷик” ба нашр омода гардид ва феълан қисмати аъзами он дар Душанбеву Маскав ба забонҳои тоҷикиву русӣ ва англисиву арабӣ интишор ёфтаанд, ки онро аз ҷумлаи бузургтарин хидматҳои устод дар ҷодаи илму фарҳанг ва дар роҳи таҳкими худогоҳиву хештаншиносии миллӣ метавон арзёбӣ кард.

Дигар аз муҳимтарин рукнҳои фаъолияти серсоҳаи Раҷаб Амоновро таҳқиқи бевоситаи илмии эҷодиёти лафзии халқ ташкил медиҳад, ки ба ин амали хайр эшон ҳама умр шуғл варзида, дар ин ҷода нерӯи зеҳниву ақлонӣ ва завқу табъи худододи хешро бедареғ сарф намудааст. Ҳосили он ҳама ранҷу заҳматҳо чандин рисолаву асарҳои монографӣ аз қабили “Аз

паи ҳикмати халқ”(1963), “Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб”[1], “Лирикаи халқии тоҷик”(1968), “Афсонаи сеҳазорсола”(1973), “Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик”(бо ҳаммуаллифӣ, 1980), “Рубоиёти халқӣ ва рамзҳои бадеӣ”[2] ва садҳо мақолаву маърӯзаҳои пурмуҳтаво маҳсуб мешавад, ки арзиши ғоявию эстетикӣ ва қиммати илмию адабии ин таълифот ба ҳамагон равшану мусаллам аст ва феълан ниёз ба шарҳу тафсир надорад.

Аммо аз миёни ин таълифоти ҷолибу пурарзиш, ки барҳақ, пойдевори илми фолклоршиносии тоҷик гардидаанд, бахусус, китоби “Рубоиёти халқӣ ва рамзҳои бадеӣ”(6) дар байни аҳли илму адабу фарҳанг ва дилбохтагони осори шифоҳии халқ маъруфият ва маҳбубияти тамом пайдо кард. Зеро дар ин китоб, ки ба қавли донишманди маъруфи ҷодаи эҷодиёти лафзӣ, профессор Бозор Тилавзода “асари барҷастаи илмии соҳаи фолклоршиносии тоҷик”[9, с.110] маҳсуб мегардад, донишу тафаккури нодир, қобилияти хосаи дарку маърифати шеър ва санъати волои рамзкушоии муаллиф дар мавриди рубоиёти халқӣ ба таври возеҳу барҷаста ба зуҳур омада, эътибори олимии эшонро дар соири кишварҳои Шарқу Ғарб ба маротиб интишор дод. Бесабаб нест, ки асари мазкур соли 1998 дар Теҳрон ба алифбои арабиасоси форсӣ ба табъ расида, шоистаи тақдири пажӯҳишгарони ин кишвари ҳамзабон гардид, ки дар ин бора дар мавриди дигар ибрози андеша хоҳем кард.

Алҳол андешаи мо пиромуни паҳлуи дигари фаъолияти пурвусъати Раҷаб Амонов аст, ки ҳам дар илми кунунии суханшиносӣ ва ҳам дар насри муосири тоҷик як падидаи бисёр ҷолибест. Манзури мо очеркҳои илмиву бадеии устод мебошад, ки дар миёни хосу ом кайҳо инҷониб шуҳрат ва маҳбубият пайдо кардааст. Гулчини ин таълифоти пурарзиш дар маҷмӯаи очеркҳои “Қиссаҳои сари кӯҳи баланд”(1990), ки аз тариқи нашриёти “Адиб” интишор ёфтааст, гирд омадааст ва ба гумони мо чунин ном гирифтани китоби мазкур низ рамзе дорад. Зеро дар ҷараёни мутолиа хонандаи ҳассос зина ба зина бо таровишҳои эҳсоси баланд ва чакидаҳои табъи закии мардумони кӯҳистони тоҷик хубтару амиқтар ошно мешавад. Олими зиндагишинос бо ҳусни ихлос, бо сухани нарму пурзарофат, бо меҳри саршор дар бораи олами рангини эҷодиёти лафзии халқ ва рӯзгори маънавии мардуми деҳ батафсил сухан меронад. Дар бораи пайдоиш ва сайри таърихии қиссаву афсонаҳо ва рубоиву байтҳо, дар хусуси хислатҳои аҷиб ва сарнавишти ибратомӯзи гӯяндагону ровиён ва ҳофизони халқӣ бо ҳисси масъулият ва шавқи беинтиҳо ҳикоят мекунад.

Хонанда бо ҳидояти муаллиф ба коргоҳи эҷодии ҷӯяндагон ва муҳаққиқони эҷодиёти халқ ворид шуда, ба муоина хоҳад дид, ки муносибати олимон бо онҳое, ки дар ёди худ осори пурҳикмати ҳазорсолаҳоро маҳфуз доштаанд, чӣ гуна сурат мепазирад. Огоҳ хоҳад шуд, ки эшон пиёдаву савора аз деҳ ба деҳе роҳ паймуда, барои фароҳам овардани маводи мӯътамади илмӣ ва аз панҷаи фаромӯшӣ эмин доштани андӯхтаҳои маънавии халқ чӣ заҳматҳое кашидаанд. Оё ин маводи бебаҳо, ки таҳти сарварии Раҷаб Амонов ҷамъоварӣ шуда, ҳоло дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёт хазинаи бузурги мураттаб ва муназзамеро ташкил кардааст, фақат барои илм лозим аст? Ин ҳама падидаҳои заковати халқ фарҳанги муосирро ғано афзуда, чун манбаи маърифат ва ғизои маънавӣ дар парвариши завқи бадеиву эстетикии ҷавонон ва кӯдакону наврасон, дар ташаккули маънавияти онҳо зиёда саҳм хоҳанд гирифт. Ба пиндошти мо ҳадафи асосии муаллиф ин аст, ки таҷрибаи таърихиву маънавии халқ ҳарчи бештар ба рӯзгори имрӯза ворид бишавад ва маънавиёти ҳамзамонони мо аз ҳикмат ва суннатҳои ахлоқиву фарҳангии мардум пайваста моя бигирад.

Дар асарҳои мазкур муҳокимаҳои илмӣ бо нақли бадеиву публисистӣ сахт омезиш ёфта,ҷанбаи таҳқиқӣ ва маърифатии онро бағоят қавӣ сохтааст. Ба ин маънӣ, ҳақ ба ҷониби академик Муҳаммадҷон Шакурист, ки асарҳои илмиву бадеии Раҷаб Амоновро як падидаи ҷолиби насри муосир ҳисобида, таъкид кардааст, ки дар ин асарҳо “муаллиф... кори шавқовари фолклоршиносонро тасвир намудааст ва хусусияти асосии нақли ӯ омезиши унсурҳои бадеиву публитсистӣ ва тадқиқоти илмӣ мебошад. Раҷаб Амонов шаклу воситаҳои гуногуни жанриву услубиро ба ҳам созгор оварда, ҳам таъсири эмотсионалӣ эҷод мекунад ва ҳам пояи илмиву маърифатомӯзии нақлро устувор менамояд” [10].

Нависанда бо ин асарҳо барои хонанда дари олами пурнур ва муҳташамеро боз намудааст, ки ба ҳазор ранг ҷилва дорад ва чун оҳанрабо ӯро ба сӯи худ мекашад. Шеваи гуфтор ва сабки баёни қиссаҳои мазкур хонандаро бар он во медорад, ки беихтиёр дунболаҳои фикру андешаҳои мураккаб ва шавқафзои муаллиф қадам зада, лаҳзаҳои изтиробангез ва пурҳаловати кашфи рамзу маъниҳои борикро бо ӯ қисмат бикунад. Раҷаб Амонов ба дасти хонандаи худ гӯё калиди

маърифати образҳои пурғунҷоиши рамзиро во мегузорад, образҳое, ки эҳсосу афкор, ҷаҳоншиносӣ ва дунёфаҳмии мардумони замонҳои мухталифро дар худ акс кардаанд. Аз ин хотир он самти наве дар таҳқиқи рубоиҳои халқӣ, ки баъди ин "Қиссаҳо" ба миён омад, барои муҳаққиқони ҷавон ва озимони наврастаи қаламрави илму адаб, воқеан, мактаби таҷрибаю ҳунаромӯзӣ қарор гирифт. Бояд гуфт, ки аҳамияти маърифатомӯзии қиссаҳои ин фолклоршиноси номвар, хусусан, барои бачагон шоистаи таъкиди махсус мебошад. Зеро хуб аст, ки инсон аз айёми кӯдакӣ нафосату назокатро эҳсос ва қадр бикунад, бо қувваи фикру хаёли хеш асрори сухан ва лутфу мазияти онро дарк намояд. Барои ҳосили ин матлаб ӯро омӯзгори варзида ва нозуксанҷе раҳнамоӣ кунад. Ба фикри мо китоби мазкур ҳамин гуна рисолате ба ӯҳда дорад ва дар дили бачагон, пеш аз ҳама, меҳри сухан ва ишқи шеър мепарварад.

Арзиши илмию амалии ин навъ таълифоти устод Раҷаб Амонов на танҳо аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ борҳо таъин шудааст, балки мавриди назари олимони хориҷӣ низ гардидааст. Ба пиндори эшон муҳимтарин хусусияти услубии ин асарҳо дар он зуҳур ёфтааст, ки муаллиф дар шаклҳои марғубу дилнишин ҷараёни ҷустуҷӯҳои илмӣ ва бадеиро ба риштаи тасвир пайваста тавонистааст. Дар ин бобат адабиётшиноси рус Олга Неклюдова чунин фикри ҷолибе баён карда буд: "Дар қиссаҳои Раҷаб Амонов на фақат фаровонии маълумот, балки сабку услуби баён ва силсилабандии фикр қобили таҳсин аст. Китобҳое, ки ба ин дастур дар бораи эҷодиёти халқ навишта шудаанд, ба мо имкон медиҳад, ки ба маънои назми халқӣ амиқтар сар фурӯ барем, ғановат ва ҳикмати сухани халқро эҳсос намоем. Онҳо дар дили мо нисбат ба таърих, одамон ва замине, ки дар он умр ба сар мебарем, тухми муҳаббату эҳтиром меоранд"[7, с.148]. Нависанда нек медонад, ки барои бақодорӣ ва рушди анъанаҳои осори шифоҳии халқ дар афкори адабӣ, бахусус, дар адабиёти кӯдакон лозим аст, ки бо паймонаи фарохтаре ба тадқиқи он камар бубандем, то зеҳни бачагон бо дурдонаҳои нобу хушоб сайқал ёбад, то ахлоқу маънавияти онҳо аз аввал дар заминаи суннатҳои волои ниёгон устувор гардад. Ин матлаб дар қисми дуюми китоби мазкур , ки аз "Қиссаи беди баланд, чанори пургул ва себи Самарқанд", "Қиссаи лаби бом" ва "Қиссаи боло ва баланд" фароҳам омадааст, хеле равшан ба чашм мерасад. Он ҳама мушоҳидаҳои аҷиб ва рамзкушоиҳои ғайримунтазира, ки маҳсули ҷустуҷӯҳои пуршиддати тӯлонӣ ва самараи назари борику нозуксанҷи муаллиф буда, бо сабки шевою диловез баён шудаанд, рангомезиҳои табъи шоиронаи халқро ба таври барҷаста падид овардааст. Муаллиф дар ин қиссаҳо як силсилаи образҳои маъруфи рубоиёти халқиро, ки аз маҳалҳои гуногун ҷамъ оварда шудааст, аз чанд паҳлӯ мӯшикофона таҳлилу муқоиса намуда, ҳусни тоза ва маъниҳои мармузи онро, ки пештар дар хаёл ҳам наоварда будем, пеши назари мо ҷилва медиҳад. Зимни баррасии масоили мазкур бо далелҳои қотеъ собит шудааст, ки шеърият ва дастури образофаринии назми халқӣ решаҳои амиқи таърихиву иҷтимоӣ дошта, бо урфу одат ва тасаввуроти мардумони замонҳои гуногун сахт марбут аст. Бинобар ин образҳои асили назми халқӣ дар маҷмӯъ як падидаи мавзуну муназзам буда, бо зиндагии халқ ва сарнавишти таърихии ӯ бо ҳазорон риштаҳои аёну ноаён ба ҳам пайвастааст ва ҳадафи аслии муаллиф ҳам ин аст, ки таваҷҷуҳи ҷавонону наврасонро ба ин ганҷинаи бебаҳо ҷалб намуда, шавқу завқи онҳоро ба таҳқиқу омӯзиш бедор намояд. Устод Раҷаб Амонов баробари пажуҳиши осори лафзии халқ, ки кори ҷонии якумрааш қарор гирифта буд, ба масоили рушди илми адабиётшиносии тоҷик ва нақди адабии он таваҷҷуҳи сидқӣ гуморида, дар бораи адабиёти садаи бист ва сарчашмаҳои он, дар бобати иртиботи қавии эҷодиёти С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ, М.Турсунзода, Ҷ.Икромӣ, Р.Ҷалил, М.Миршакар ва дигарон бо фаҳлавиёт, оид ба вежагиҳои ғоявию бадеӣ ва сабкиву услубии назму насри муосир ва муаммову мухтасоти адабиёти навини тоҷик силсилаи мақолаҳои пурарзиш таълиф намудааст, ки қисмати асосии он дар ду китоби илмии эшон – "Эҷодиёти бадеӣ, халқ ва замон"(1970) ва "Ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати бадеӣ"(1984) гирд омадааст. Дар робита ба ин рукни фаъолияти илмии академик Раҷаб Амонов бояд зикр намуд, ки саҳми эшон, бахусус, дар омӯзиш ва таҳқиқи таърихи адабиёти атфоли тоҷик бағоят калон аст. Ҳарчанд адабиёти махсуси кӯдакон дар Тоҷикистон як аср инҷониб арзи вуҷуд кардааст, аммо таърихи пайдоишу ташаккул, давраҳои инкишоф, дастоварду муаммоҳо, махсусиятҳои жанриву услубӣ ва дигар сифатҳои асливу зотии ин адабиёт то ибтидои солҳои ҳафтоди қарни гузашта ба таври бояду шояд мавриди тадқиқ қарор нагирифта буд. Аз миёни адабиётшиносони тоҷик Раҷаб Амонов нахустин шуда, ба пажуҳиши ин масоил бо ҷиддияти тамом рӯ овард ва дар фосилаи начандон тӯлонӣ роҷеъ ба як идда гиреҳу укдаҳои он даҳҳо мақолаҳо таълиф намуд, китобҳои арзишманди "Адабиёт ва бачагон"(1981) ва "Детская литература Таджикистана"[4]-ро интишор дод. Шоистатарин хидмати устод дар ин ҷода асари бунёдиву ҷомеи "Таърихи адабиёти советии тоҷик, ҷилди VI"(1982) маҳсуб мешавад,

ки комилан ба омӯзишу таҳқиқи таърихи ташаккулу таҳаввули адабиёти бачагон, масоили даврабандии ин адабиёт ва ҳаллу фасли муаммоҳои мухталифи он бахшида шудааст. Бояд гуфт, ки дар сиришти фарҳангпарвари устод Раҷаб Амонов ду навъи истеъдод – лаёқати илмӣ ва қобилияти эҷодӣ ба ҳам омада буд. Аз ин ҷост, ки эшон баробари таълифи асарҳои сершумори илмӣ, китобҳои дарсӣ (ӯ яке аз муаллифони китоби таълимии "Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик" барои муҳассилини донишгоҳҳои олӣ, "Китоби хониш" ва "Адабиёти Ватан"барои хонандагони синфҳои 3-6-и мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ мебошад) ва танзиму танвири афсонаҳои халқӣ ба кори эҷодӣ низ бо ҳавсалаи тамом ва шавқу рағбати бепоён шуғл варзида, повестҳои "Дар доманаи кӯҳҳои кабуд"(1961), "Аз тирамоҳ то тирамоҳ"(1974), "Навбаҳори чашмасор"(1976), "Амударя в пиале"(1977), "Весна в краю родников"(Москва: Дет.лит., 1981), "Дар нимароҳи умр"(1988), "Пушаймонӣ"(1989), "Нимкосаи таги коса"(1994) ва як силсила қиссаву очеркҳо ва ҳикояҳои марғубу дилнишин иншо намуд, ки беҳтарин намунаҳои он дар маҷмӯаҳои муаллиф "Шарораҳои меҳр"(1983), "Қиссаҳои диёри Чашмасор"(1995), "Ишқи найнавоз"(1996), "Арӯс ё қиссаи зангирии писари ҳамсоя"(1996), "Қиссаи беди баланд, чанори пургул ва себи Самарқанд"(1981) ва ғайра гулчин шудаанд. Ин асарҳо, ки ғолибан аз таҷрибаи рӯзгору пайкори илмии муаллиф ва нашъаи кори ҷӯяндагону гӯяндагони осори лафзии халқ ҳикоят мекунад, бо мақсади тарбияи тафаккуру тахайюли бадеии наврасону ҷавонон ва парвариши завқи зебоипарастии онҳо эҷод шуда, сари вақт мавриди истиқболи гарми аҳли адаб ва хонандагони сершумор гардидааст. Шояд аз ҳамин ҷиҳат бошад, ки китоби охирини ин рада – очерки илмию бадеии "Повесть о высокой иве, цветущей чинаре и самаркандском яблоке" ба забони русӣ тарҷума шуда, соли 1986 дар нашриёти "Советский писатель"-и Москва ба табъ расид ва дар интишори арзиши фолклори миллӣ ва илми фолклошиносии тоҷик дар Русияву Аврупо нақши мунир гузошт. Хуллас, Раҷаб Амонов рисолати зиндагӣ ва маънои ҳастии хешро, қабл аз ҳама, дар илму эҷод дида, дар дарозои умри азизи худ беш аз чиҳил китоб ва зиёда аз панҷсад мақолаву очерк ва қиссаву ҳикоя таълиф намуд, ҳамвора дар роҳи таълиму тадрис ва камолоти касбии ҷумла шогирдону пайравон басо ранҷ бурда, эшонро ба хидмати илму маърифат ва фарҳангу ҳунар омода сохт, ҳам бо амал ва ҳам бо сухан дар таҳкими пояҳои улуми инсоншиносӣ ва рушди маънавии ҷомеа ҳиммат гуморид ва аз ин умри пурмаънояш нақши носутурдание ба ёдгор гузошт.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Амонов, Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб/Р.Амонов. –Душанбе: Дониш, 1963. -346 с.
2. Амонов, Р. Лирикаи халқии тоҷик/Р.Амонов.–Душанбе: Дониш, 1968. -412 с.
3. Амонов, Р. Эҷодиёти бадеӣ, халқ ва замон/Р.Амонов. –Душанбе: Ирфон, 1970. -170 с.
4. Амонов, Р. Детская литература Таджикистана/Р.Амонов. –Москва: Дет.лит., 1981. -240 с.
5. Амонов, Р. Ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати бадеӣ/Р.Амонов. –Душанбе: Ирфон, 1984. -352 с.
6. Амонов, Р. Рубоиёти халқӣ ва рамзҳои бадеӣ/Р.Амонов. –Душанбе: Дониш, 1987. -296 с.
7. Неклюдова, О. Поиск историков/О.Неклюдова//Памир.-1987.-№8. –С.147-149.
8. Сатторзода,А.Баргузидаи навиштаҳо. Ҷилди IV/А.Сатторзода.–Душанбе: Дониш, 2021.- 604 с.
9. Тилавзода, Б. Хидмати барҷастаи олим/Б.Тилавзода//Мардумгиёҳ.- 1993.- №2. –С.108-112.
10. Шукуров, М. Рамзкушои шеърияти халқ/М.Шукуров//Маданияти Тоҷикистон, 1983.- 29 июл.


**REFERENCES:**


1. Amonov, R. An essay on Kulob's oral creativity. Dushanbe: Donish, 1963. -346 p.
2. Amonov, R. Tajik folk lyrics. Dushanbe: Donish, 1968. -412 p.
3. Amonov, R. Artistic creativity, people and time. Dushanbe: Irfan, 1970. -170 p.
4. Amonov, R. Children's literature of Tajikistan. -Moscow: Children's literature, 1981. -240 p.
5. Amonov, R. The truth of life and the truth of art. Dushanbe: Irfan, 1984. -352 p.
6. Amonov, R. Folk stories and artistic symbols. Dushanbe: Donish, 1987. -296 p.
7. Neklyudova, O. Search for historians//Pamir.- 1987.- № 8. –P.147-149.
8. Sattorzoda, A. Selected writings. Volume IV. Dushanbe: Donish, 2021. - 604 p.
9. Tilavzoda, B. Outstanding service of the scientist//Mandumgyoh.- 1993.- № 2. - P. 108-112.
10. Shukurov, M. Deciphering folk poetry//Culture of Tajikistan, 1983.- July 29.